# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи **«Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки ҷиҳати рушди бомароми таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқсозии пажӯҳишҳои илмӣ ба таҳаввулоти азими ҷомеаи муосир дар раванди ҷустуҷӯҳои илмии педагогӣ бояд ба сифати самтҳои асосиву афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ омӯзиши хусусиятҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, фалсафаи таҳсилот дар асри иттилоот, равандҳои инноватсионӣ ва демократикунонӣ дар соҳаи маорифу таҳсилот, таъсири пайомадҳои таҳаввулоти ҷаҳони муосир ба ин соҳаҳои ҳаётан муҳим, татбиқи технологияҳои муосири таълиму тарбия, идома додани таҳқиқи мероси педагогии ниёгони халқи тоҷик, ҷалби таваҷҷуҳи олимони тоҷик ба проблемаҳои педагогикаи муқоисавӣ ва самту равияҳои нави педагогикаи миллӣ-валеология, квалиметрия, библиометрия, менеҷменти илму маориф ва амсоли ин ҷалб намоем.

Вобаста ба ин, Раҷабзода Маҳмадулло дар диссертатсияи худ таҳқиқоти педагогӣ дар ҷумҳурӣ аз нигоҳи квалиметрия кӯшиш ба харҷ додааст, ки заминаҳои таърихии ташаккул ва рушди пажӯҳишҳо, ҷойгоҳи квалиметрия дар таҳқиқоти илми педагогикаи миллии тоҷик, инчунин, таҳаввули таҳқиқоти педагогӣ дар низоми муносибатҳои навин ба таври муфассал мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор диҳад.

Дар автореферати тақризшаванда қайд гардидааст, ки таҳлили адабиёти мавҷуда ва вазъи таҳқиқоти педагогӣ нишон дод, ки дар илми муосир, аз ҷумла дар солҳои соҳибихтиёрии Тоҷикистон, баҳри рушди илмҳои педагогӣ ва арзёбии онҳо таҳқиқоти муайян ба анҷом расонида шудаанд. Вале дар баробари ин, ҳанӯз масъалаҳои ҳалталаб, махсусан, оид ба проблемаҳои таълиму тарбия, масъалаҳои бунёдии илму технологияҳо, ҳамкориҳои байналмилалӣ, проблемаҳои муҳимми назариявӣ ба назар мерасанд. Вобаста ба ин, вазъи мураккаби баамаломада ва мавҷудияти як қатор ихтилофот ва камбудиву норасоиҳо, инчунин, талаботи воқеӣ нисбат ба ҳаллу фасли масъалаи мазкур боиси интихоби самти таҳқиқ гардида, мавзуи он таҳти унвони

«Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд» муқаррар карда шуд.

Зимни таҳқиқоти мазкур аввалин маротиба қонун ва қонуниятҳои сершумори квалиметрӣ, ки муҳаққиқони собиқ шуравӣ ва хориҷӣ тӯли 30 соли охир ба доираи илмӣ ворид намудаанд, мураттаб ва тасниф карда шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муаллифи диссертатсия аввалин шуда дар соҳаи илми педагогикаи ватанӣ таҳқиқоти педагогии олимони тоҷикро дар даврони истиқлоли давлатӣ аз нигоҳи квалиметрӣ ҳамаҷониба мавриди омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили амиқи илмӣ қарор дода, нуктаҳои зеринро пешниҳод намудааст:

- таҳлили илмии раванди ташаккули низоми меъёрҳои арзёбии сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ;
- таҳлил, таҳқиқ, мушаххасгардонии масъалаҳои соҳавӣ ва ошкор кардани мушкилоти татбиқ ва рушди квалиметрия дар соҳаи педагогикаи ватанӣ;
- коркарди меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва индикаторҳои мушаххаси эмпирикии арзёбии экспертии дастовардҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар соҳаи илмҳои педагогӣ, аз ҷумла матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия;
- таҳия ва озмоиши амалии методикаи муаллифии арзёбии сифати таҳқиқоти илмӣ оид ба илмҳои педагогӣ;
- ба доираи илмии педагогикаи миллӣ ворид намудани мафҳум ва ва истилоҳоти муосири илмӣ оид ба квалиметрия.

Диссертант ҷойгоҳи квалиметрияро дар таҳқиқоти илмҳои педагогикӣ ва заминаҳои таърихии ташаккул ва рушди пажӯҳишҳо дар ин самтро ба таври муфассал мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, ба хулосае омадааст, ки квалиметрия метавонад дар арзёбии таҳқиқоти педагогии анҷомдодашуда мушкилоту норасоиҳоро пайдо намуда, барои дурнамои рушди навъҳои гуногун таҳқиқот дар ин соҳа нақши назаррасро ба анҷом расонад. Вобаста ба ин намунаҳои таҳлили квалиметрии навъҳои гуногуни таҳқиқот, аз ҷумла таҳқиқоти диссертатсионӣ - «Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия» (МТКД) коркард шуда, истифода аз онҳо дар бобҳо ва зербобҳои диссертатсия таҳқиқот барои таҳлили квалиметрии фаъолияти ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, натиҷаҳои илмии ин ниҳодҳо ва муҳаққиқони соҳаи педагогика ва муайянсозии дурнамои рушди илмҳои педагогӣ мусоидат намудааст.

Ҳамин тариқ, дар автореферати диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиши мавзуи мавриди таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, марҳилаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, асосҳои эмпирикии он, навгонии илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, маълумот дар бораи аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, соҳаи таҳқиқот, тасвиби натиҷаи кор, саҳми унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ ва сохтори диссертатсия пурра инъикос ёфтааст.

Хулоса, автореферат мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос намуда, дар сатҳи баланди илмӣ таҳия шуда ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Муқарриз:**
Доктори илмҳои педагогӣ,
профессор, мудири кафедраи
педагогикаи умумидонишгоҳии
Донишгоҳи милли Тоҷикистон Мирализода
Абдусалом Мустафо

**Маълумот барои тамос:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17,
Телефон: 918822340.

Имзои А.М. Мирализодаро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тақвиев Э.Ш.

17.04.2025